шаҳри Душанбе соли 2026

ШАРТНОМАИ №562229

Аз як тараф Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд "Фармоишгар"), суроға: ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Академикҳо, Раҷабовҳо 3 ва аз тарафи дигар ҶДММ "Созанда 2012" (минбаъд "Хизматрасон") суроға: ш. Душанбе, н.Фирдавси 23/15-31, Барои иҷрои корхои лоиҳакашии: "Сохтмони маркази ҷавонон дар ноҳияи Рашт" ба маблағи умумии: 120762 (Яксаду бист ҳазору ҳафтсаду шасту ду сомони)

Бо шартномаи мазкур Фармоишгар ва Хизматрасон ба чунин мувофиқа омаданд:

1.Мавзӯи Шартнома.

1.1. "Хизматрасон" ӯҳдадор мешавад ба "Фармоишгар" хизматҳои зеринро пешниҳод намояд (расонад): Барои иҷрои корхои лоиҳакашии: "Сохтмони маркази ҷавонон дар ноҳияи Рашт"

1.2. "Фармоишгар" ӯҳдадор мешавад, ки хизматҳои дар банди 1.1.-и шартномаи мазкур расонидашударо сари вақт қабул намуда, ҳаққи онро пардохт намояд.

2. Истифодабарии ҳуҷҷатҳо ва ахборотҳои шартнома.

2.1. "Хизматрасон" наметавонад бе розигии хаттии "Фармоишгар" ба шахси сеюм, бо истснои он ҳайати корие, ки барои иҷрои уҳдадориҳои шартнома ҷалб гардидаанд. мазмун, мавзӯъ, таъиноти шартнома ва ё ҳуҷҷатҳо ва ахборотҳои аз тарафи «Фармоишгар» ва ё аз номи ӯ пешниҳодгардидаро кушояд. Ахбороти мазкур бояд ба ҳайати кори танҳо дар он ҳаҷме пешниҳод гардад, ки ба иҷрои уҳдадориҳои шартномавиашон зарур бошад.

2.2. "Хизматрасон" наметавонад бе розигии хаттии "Фармоишгар" ҳуҷҷатҳо ва ахборотҳои дар боло зикршударо, ғайр аз мақсади иҷрои шартнома ба дигар мақсад истифода барад.

3. Пардохт.

3.1. Пардохти ҳаққи хизматрасониҳои зерин Барои иҷрои корхои лоиҳакашии: "Сохтмони маркази ҷавонон дар ноҳияи Рашт" баъд аз иҷрои пурраи уҳдадориҳои шартнома, бо пешниҳоди кор, борхат, санади иҷроиши хизматрасонӣ, ҳисобнома-фактура бо роҳи ғайринақди ба суратҳисоби "Хизматрасон" амали гардонида мешавад.

4. Даровардани тағйирот ва иловаҳо.

4.1. Ҳаммаи тағйирот ва иловаҳо ба шартнома баъди ба имзо расонидани он мумкин аст бо тариқи истисно бо риояи тартиби муқараргардида сурат гирад.

4.2. Тағйирот ва иловаҳо ба шартномаи мазкур бо талаботи тағйирнопазирии сифат ва дигар талаботҳо, ки барои "Хизматрасон" асос гардидааст мумкин аст:

1). Дар доираи кам ва ё зиёд кадрани ягон намуди хизматрасони дар ҳаҷми хизматрасонии умумӣ ба шарти зиёд нагардидани маблағи умумии хизматрасонӣ, ки дар шартномаи мазкури хариди давлатӣ нишон дода шудааст.

2). Аз ҷумла дар давоми муҳлати иҷрои шартнома агар нархи мол ё хизматрасони паст гардад, мумкин аст бо мувофиқаи тарафҳо нархи хизматрасонӣ кам карда шавад.

4.3. Даровардани тағйирот ва иловаҳо ба асосҳое, ки молрасонро дар озмуни хариди давлатӣ ғолиб эътироф намудааст иҷозат дода намешавад.

4.4. Ҳар як тағйирот ва иловаҳо ба шартнома бо мувофиқаи тарафҳо ва тариқи хатти сурат мегирад.

5. Супоридани ҳуқуқҳо.

5.1. "Хизматрасон" на бояд пурра ва ё қисман бе розигии хаттии "Фармоишгар" уҳдадориҳои шартномавии худро ба шахси дигар супорад.

6. Тартиби ҳалли баҳсҳо.

6.1. "Фармоишгар" ва "Хизматрасон" ҳаммаи чораҳоро меандешанд, ки баҳсҳо ва гуногунфикриро онди иҷроиши уҳдадориҳои шартнома бо роҳи сулҳомез ҳал намоянд.

6.2. Агар баъди гузашти 21 руз аз рузи саршавии гуфтушунид оиди ҳалли баҳсҳо тарафҳо баҳсҳоро бо роҳи сулҳомез ҳал карда натавонанд, тарафҳо ҳуқуқ доранд талаб намоянд, ки баҳс мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл гардад.

7. Ҳуқуқи Фармоишгар ба манъ кардани хизматрасонӣ.

7.1. Агар Хизматрасон уҳдадориҳои худро оид ба бартараф намудани камбудиҳои хизматрасонӣ, ки ба талаботи ҳуҷҷатҳои шартномави мувофиқат намекунанд иҷро накунад, инчунин муайян карда шавад, ки Хизматрасон то ба охир хизматрасониро ба анҷом расонида наметавонад, Фармоишгар ва ё шахси ваколатдори у метавонанд бо тариқи хатти оиди пурра манъ кардани хизматрасонӣ ё қисми он то бартараф намудани монеаҳо фармоиш диҳанд.

8. Ҳуқуқи Фармоишгар ба ислоҳи нуқсонҳои кор Хизматрасон.

8.1. Агар Хизматрасон натавонад ё нахоҳад нуқсони хизматрасониро ислоҳ кардан ва дар давоми 7 рузи гирифтани огоҳинома аз тарафи Фармоишгар ба у ба таври хатти ҷавоб нагардонад Фармоишгар ҳуқуқ дорад баъди 7 руз талаби худро такрор намояд. Агар Хизматрасон дар давоми 7 рузи оянда ба ислоҳ намудани нуқсон қодир набошад Фармоишгар ҳуқуқ дорад бо қувваи худаш ин нуқсонро бартараф намояд. Дар чунин ҳолат фармони дахлдор дар бораи тағйирот дарҷ мегардад, ки мувофиқи он аз маблағе, ки ба Хизматрасон пардохт мегардад маблағи барои ислоҳи нуқсонҳо сарфшуда ва чуброни хароҷоти хизматҳои иловагии тарроҳ ва дигар хароҷотҳои зарурири тарҳ карда мешавад. Агар маблағи ба Хизматрасон таалуқдошта барои пушонидани хароҷотҳо кифояги накунад Хизматрасон бояд аз ҳисоби маблағҳои худ тафовути онро пардохт намояд.

9. Назорати вақт.

9.1. Ҷадвали иҷроиши хизматрасонӣ.

9.1.1.Хизматрасон ба фармоишгар барои тасдиқ намудан ҷадвали иҷроиши хизматрасониро пешниҳод менамояд, ки дар он тартиб ва муҳлати хизматрасонӣ, инчунин ҷадвали пардохт аз тарафи Фармоишгар нишон дода шудааст. Муҳлати пешниҳоди ҷадвал дар давоми 3 рузи баъди имзои шартномаи хизматрасонӣ муайян карда шудааст.

9.2.Дароз кардани муҳлати хизматрасонӣ.

9.2.1.Фармоишгар дар ҳолатҳои фавқулода ва ногувор (форс-мажор), рад кардани пешниҳод ва корҳое, ки муҳлати иловагиро талаб мекунанд муҳлати хизматрасониро дароз менамояд.

10. Назорат аз болои сифат.

10.1. Санҷишҳо.

10.1.1. Хизматрасон вазифадор аст рафти хизматрасониро пурра назорат намуда ва барои ин тамоми дониш ва имкониятҳои худро истифода барад.

10.1.2. Хизматрасон дар назди Фармоишгар барои ҳаракат ва камбудиҳои кормандонаш, Хизматрасони ғайриасоси, кормандон ва шахсони боваринокн Хизматрасони ғайриасоси ва кормандоне, ки бо Хизматрасон шартнома дошта қисман ягон хизматрасониро иҷро менамоянд ҷавобгар мебошад.

10.2. Бартараф намудани нуқсонҳо.

10.2.1. Фармоишгар Хизматрасонро оиди нуқсонҳои пайдогашта ба таври хатти хабардор намуда муҳлати бартараф намудани онро нишон медиҳад.
10.2.2. Хизматрасон хабарномаро оиди нуқсон гирифта бояд дар муҳлати дар хабарнома нишондодашуда онро бартараф намояд.
11. Назорати арзиш.
11.1. Тағйироти ҳаҷми хизматрасонӣ ва пардохти он.
11.1.1.Дар сурати Фармоишгар аз Хизматрасон хоҳиши тағйр додани ҳаҷми хизматрасониро кунад Хизматрасон вазифадор аст ба Фармоишгар арзиши иҷроиши хизматрасониро, ки бо АХДМК ва Х назди ҲҶТ мувофиқа карда шудааст пешниҳод намояд.

12. Пардохти пешмузд.
12.1. Фармоишгар метавонад дар ҳаҷми маблағе, ки дар шартнома нишон дода шудааст ба Хизматрасон пешмузд диҳад. Хизматрасон бояд маблағи пешмуздро танҳо барои пардохти масолеҳ, таҷҳизот ва музди меҳнат, ки иҷроиши шартномаи мазкур талаб мекунад сарф намояд.

13. Пардохтҳои ҳармоҳа.
13.1. Дар сурати ба Хизматрасон пардохт намудани пешмузд, пардохтҳои ҳармоҳа бо нигоҳдории пешмузди дар шартнома нишондодашуда пардохта мешавад.
13.2. Агар Фармоишгар ба Хизматрасон маблағи ҳаққи хизматро дар муҳлати дар шартнома муайянгардида пардохт накунад ба Хизматрасон дар ҳаҷми муайянкардан шартнома барои ҳар рузи дермони ҷарима пардохт менамояд. Пардохти ҷарима ба пардохти навбати ҳамроҳ карда мешавад. Фоизи ҷарима аз рузе, ки бояд ҳақи хизмат ҳисоб карда мешуд то рузи пардохти навбатии ҳаққи хизмат ҳисоб карда мешавад.

14. Пардохти ҷуброн.
14.1.Воқеаҳои зерин сабаби тағйир ёфтани давомнокии хизматрасонӣ ё додани ҷуброни пули ба Хизматрасон мегардад:
а). Фармоишгар истифодаи ҳамман маълумот ва талаботашро иҷозат намедиҳад, ки ин хизматрасониро бозмедорад. Дар чунин ҳолат Фармоишгар вазифадор аст муҳлати иҷрои шартномаро гузашт кунад.
б). Батаъхирандозии пардохти пешмузд.

15. Нигоҳ доштани маблағ.
15.1. Фармоишгар аз ҳар як пардохти ҳаққи хизмат ба Хизматрасон бояд 10%-и маблағи иҷроиши ҳаҷми корро нигоҳ дорад.
15.2. Баъди анҷоми пурраи хизматрасонӣ нисфи маблағҳои дошташуда мумкин аст ба Хизматрасон пардохт гардад ва қисми боқимонда пас аз бартараф намудани нуқсонҳо ва ғалатиҳо пардохт карда карда мешавад.

16. Кафолат.
16.1. Хизматрасон ба Фармоишгар кафолат медиҳад, ки хизматрасонии дар асоси шартнома расонидашуда буда сифати хуб доранд ва хизматрасонӣ ба талабоҳои шартнома мувофиқат мекунад. Хизматрасониҳое, ки ба ин талабот мувофиқат намекунанд аз ҷумла тағйиротҳои бе мувофиқаи Фармоишгар даровардашуда нуқсон ҳисобида мешавад.

17. Ҳолатҳои фавқулода ва ногувор (форс-мажор).
17.1. Дар сурати сар задани офати табии, сашавии ҷанг ё ягон намуди ҳодисаҳои фавқулода, ки онро на Фармоишгар ва на Хизматрасон назорат карда наметавонанд иҷроиши шартнома манъ мегардад. Фармоишгар манъи шартномаро тасдиқ менамояд. Хизматрасон дар муҳлати кутоҳтарини баъди гирифтани хабарнома оиди муваққатан манъ кардани хизматрасонӣ дар иншоот хизматрасониро манъ мекунад. Фармоишгар ҳаққи тамоми корҳои иҷрошуда ва корҳои вобаста ба муваққатан манъ кардани корро ба Хизматрасон пардохт менамояд.

18. Ҳимояи хизматҳои иҷронамудаи Хизматрасон.
18.1 Хизматрасон бояд ҳимояи хизматҳои расонидашуда ва тамоми захираҳоро аз сарди, сухтор, дузди, нобудшавии махфи ва дигар сабабҳо таъмин намояд. Хизматрасон дар рафти хизматрасонӣ ҳимояи иловагии моликияти Фармоишгарро аз зарар, осеб таъмин менамояд. Ҳамман харҷотҳои сарфнамудаи Хизматрасон вобаста ба корҳои зикршуда аз тарафи Фармоишгар ба тарзи иловаги пардохт намегардад.
18.2. Фармоишгар ба ягон зарар ва ё осеби хизматрасонии Хизматрасон, ки бо сабабҳои зикршуда ба амал омадаанд то ба охир расидани хизматрасонӣ ва қабул намудани он ҷавобгар намебошад ва Хизматрасон бояд бе ягон харочоти иловаги аз тарафи Фармоишгар, зарар ва ё осеби расонидашударо барқаро намояд.
18.3. Хизматрасон баъди анҷоми тамоми хизматрасониҳои дар шартнома пешбинишуда ба Фармоишгар оиди анҷоми хизматрасонӣ хабарнома мефиристад. Фармоишгар на дертар аз 7 руз оиди баҳодиҳи ба хизматрасонии анҷомдодашудаи шартнома гуруҳи кории махсус таъин менамояд.
18.4. Гуруҳи кори бо иштироки Хизматрасон гузаронида мешавад.
18.5. Санаи санади гуруҳи кори санаи анҷоми хизматрасонӣ нишон дода мешавад.
18.6. Гуруҳи кори номгуи хизматрасониҳои нобаанҷом ва муҳлати бартараф намудани онро тартиб медиҳад. Муҳлати бартараф намудани хизматрасониҳои нобаанҷом муҳлати ба охир расидани шартнома мебошад. Далели бартараф намудани хизматрасониҳои нобаанҷом санади охирини қабул мебошад.

19. Ҷарима барои иҷро накардани муҳлати шартнома.
19.1. Ғайр аз ҳоллатҳои фавқулода ва ногувор (форс-мажор) агар Хизматрасон дар муҳлати дар шартнома нишондодашуда хизматрасониро анҷом дода натавонад, ташкилоти харидор дар доираи шартнома метавонад хизматрасонро ҷаримаи аҳдшикани бандад.

20. Муҳлати амали шартнома.
20.1. Муҳлати саршавии хизматрасонӣ санаи мавриди амал қарор гирифтани шартнома мебошад.
20.2. Хизматрасон вазифадор мешавад, ки иҷрои хизматрасони то 08.06.2026 таъмин намояд. Муҳлат мумкин аст бо сабабҳои пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои шартномави бо даровардани тағйиротҳои дахлдор ба шартнома тағйир дода шавад. Агар Хизматрасон шартҳои шартномаро дар муҳлати шартнома иҷро карда натавонад ба Фармоишгар ба маблағи 0,01% аз маблағи умумии шартнома барои ҳар як рузи тақвими барои таваққуфи анҷоми хизматрасонӣ ҷарима месупорад.

21. Маблағи шартнома.
21.1.Фармоишгар уҳдадор мешавад ба Хизматрасон барои ҳаҷми хизматрасонӣ мувофиқи шартнома иҷрошуда маблағи шартномаро дар ҳаҷм ва пуле, ки дар шартнома нишон дода шудааст бо илова ё доштани маблағ, ки дар ҳуҷҷатгузории шартномави нишон дода шудааст пардохт намояд.
21.2. Пардохти пешмузд.
21.2.1. Фармоишгар ба Хизматрасон дар ҳаҷми 50% пешпардохт дар давоми 10 рӯзи бонкӣ пардохт менамояд. Пешмузд дар намуди нигоҳдори аз иҷозатномаҳои пардохти (счёт-фактур) боздошта мешавад.
21.3. Арзиши умуми: мувофиқи нархномаи пешниҳодшуда ба маблағи: 120762 (Яксаду бист ҳазору ҳафтсаду шасту ду сомони)
22. Пардохтҳои ҷори.

22.1. Дар асоси иҷозатнома ба пардохт (счёт-фактура), ки Хизматрасон ба Фармоишгар пешниҳод менамояд Фармоишгар метавонад ба Хизматрасон давра ба давра аз ҳисоби маблағҳои шартнома то пурра ба анҷом расидани хизматрасонӣ пардохт намояд.
22.2. Иҷозатнома ба пардохт (счёт-фактура) қисми ҳуҷҷатҳои шартномави ва дорои маълумот (реквизит)-и бонкии Хизматрасон мебошад:

Суратҳисоб: 20202972580800000139, дар ҶСП «Спитамен Бонк» дар ш.Душанбе,
Ҳисоби кореспонденти: 20402972418081, БИК: 350101808, РМА: 030021385.

23. Пардохти пурра.
Пардохти пурраи маблағи шартнома аз тарафи Фармоишгар ба Хизматрасон бояд дар сурати аз тарафи Хизматрасон пурра иҷро намудани уҳдадориҳои шартномави ва дигар уҳдадориҳои вобаста ба ислоҳ намудани камбудиҳо амали карда шавад.
24. Қатъ ва манъ кардани шартнома.
24.1. Фармоишгар ё Хизматрасон метавонанд шартномаро то муҳлати дар шартнома нишондодашуда бекор намоянд, агар як тараф ба таври назаррас шартномаро вайрон кунад, ки онро аз шартҳои асосии шартнома маҳрум менамояд.
24.2. Вайронкунии назарраси шартнома инҳо буда бо ин маҳдуд намегардад:
а). Фармоишгар метавонад шартномаро бекор кунад, агар Хизматрасон якчанд маротиба ҷадвали иҷроиши хизматрасониро вайрон намояд.
б). Хизматрасон дар муҳлати аз тарафи Фармоишгар муқарраркарда нуқсонҳоро бартараф накунад.
в). Фармоишгар ба Хизматрасон супориш медиҳад, ки хизматрасониро ба муҳлати муайян боздорад ва ин супориш то ба охир расидани муҳлати нишондодашуда бекор намегардад.
г). Фармоишгар ё Хизматрасон муфлис шаванд ё ин, ки барҳам дода шаванд, бо истиснои тачдиди сохтор ё ҳамроҳшави.
24.3. Агар шартнома бекор карда шавад, Хизматрасон бояд фавран хизматрасониро қатъ намояд.
24.4. Агар шартнома бо сабаби аз тарафи Хизматрасон ба таври назаррас вайрон кардани шартнома бекор карда шавад, Фармоишгар бақияи пули хизматрасониҳои баанҷомрасонидашудаеро, ки қабул намудааст пардохт менамояд. Агар маблағи умумии харочоти Фармоишгар вобаста ба бекор кадани шартнома аз маблағи ба Хизматрасон пардохтмешуда зиёд бошад фарқияти он қарз ба ҳисоб рафта бояд ба Фармоишгар пардохт гардад.
24.5. Фармоишгар метавонад ҳар лаҳза бо сабаби бе фоида будани хизматрасонӣ ба Хизматрасон хабарномаи хатти фиристода шартномаро пурра ё қисман бекор намояд. Дар хабарнома бояд сабабҳои бекор кардани шартнома, ҳаҷми хизматрасониҳои бекоркардашуда ва санаи эътибор пайдо намудани бекоркунии шартнома нишон дода шавад.
24.6.Дар чунин ҳолат Фармоишгар ҳаққи хизматҳои иҷрошударо пардохт менамояд.
24.7. Вақте, ки шартнома бо сабабҳои зикршуда бекор карда мешавад ба Хизматрасон танҳо харочотҳои воқеии то рузи бекор кардани шартнома харҷшуда пардохта мешавад.
24.8. Ҳолатҳои фавқуллода ва ногувор (форс-мажор). Дар сурати сар задани офати табии, сашавии ҷанг ё ягон намуди ҳодисаҳои фавқулода, ки онро на Фармоишгар ва на Хизматрасон назорат карда наметавонанд, иҷроиши шартнома манъ мегардад. Фармоишгар манъи шартномаро тасдиқ менамояд. Хизматрасон дар муҳлати кутоҳтарини баъди гирифтани хабарнома оиди муваққатан манъ кардани хизматрасонӣ хизматрасониро манъ мекунад. Фармоишгар ҳаққи тамоми хизматҳои расонидашударо то санаи манъкуни ба Хизматрасон пардохт менамояд.
25. Номгуи ҳуҷҷатҳои шарномави.
25.1. Ҳуҷҷатҳои шартномави бо истиснои тағйироте, ки баъди амали гаштани шартнома ворид карда шудааст дарбар мегирад:
25.1.1. Шартномаи мазкур, ки байни Фармоишгар ва Хизматрасон баста шудааст.
25.1.2. Нархгузори (калькуляция), ки дар он ҳаҷми хизмат, нархмони ва дигар ҳисобкуниҳо мавҷуданд.

Бо тасдиқи гуфтаҳои боло тарафҳо дар асоси пайнавишти №562229 аз 02 апрели соли 2026, Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» аз 03 марти соли 2006 таҳти №168 қарордодро бо шартҳои маблағи харид 120762 (Яксаду бист ҳазору ҳафтсаду шасту ду сомони) муҳлати иҷрои хизматрасони то 08.06.2026, ҳаҷми пардохт 50% пешпардохт дар давоми 10 рӯзи бонкӣ, шакли пардохт ғайри нақди, ки он аз лаҳзаи имзо гузоштани тарафҳо мавриди амал қарор мегирад.

ФАРМОИШГАР

Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши

назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Гулаҳмадзода З. А. _____ (имзо)

ҷ.м.

“_____” _____ соли 2026

ПУДРАТЧӢ

Директори

ҶДММ ” Созанда 2012”

Гулмадов Д. _____ (имзо)

ҷ.м.

“_____” _____ соли 2026

Харҷнома №1
ба корҳои лоиҳавӣ

Таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии иншооти: **«Сохтмони маркази ҷавонон дар ноҳияи Рашт»**
Номгӯи корхонаи "Иҷрокунанда": **ҶДММ «Созанда 2012»**
Номгӯи корхонаи "Супоришдиҳанда": **Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

№ б.т.	Тавсифномаи ташкилот бино, иншоот ва намуди кор	№ кисмҳо, фасл, ҷадвал, §§ ва қисми нишондод ба фасли маҷмӯаи нархнома барои корҳои лоиҳакаши ва кофтукови дар сохтмон	Ҳисобот (а+в х) х % ё микдор х нарх	Арзиш (сомонӣ)
1	Маркази ҷавонон	Нисбатан Ҷ. 39-5-4 К=1,2 лоиҳаи корӣ К=0,87 ҳаҷми кор (АС-38%+ТХ-12%+КВ-9%; ОВ-5%+ВК-4%+Эл-3%+СС-3%+Гп-4%+См-9%=87%) К=0,92 эзоҳи.7 К=1,4 зилзиланоки 9 балл К=1,17 коф.гузариш. фармоиш аз 21.06.2021с. №116/ф	(33435,93+25,62х790) х х1,2х0,87х0,92х1,4х1,17	84446
2	Толори маҷлис барои 56 ҷои нишаст	Тб. 39-7-13 К=1,19 лоиҳаи корӣ К=0,19 ҳаҷми кор К=0,92 эзоҳи.7 К=1,4 зилзиланоки 9 балл К=1,17 коф.гузариш. фармоиш аз 21.06.2021с. №116/ф	(21116+45,38х56) х х1,19х0,19х0,92х1,4х1,17	8060
3	Туалет на 2 очка общей площадью - 6,3м2	Тб. 39-5-5 К=1,17 лоиҳаи корӣ К=0,25 привязка К=1,17 коф.гузариш. фармоиш аз 21.06.2021с. №116/ф	(5502,81+473,93х6,3) х х1,17х0,25х1,17	2905
	Ҷамъ:			
	Муҳандисию геологи (Харҷномаи №2)			95411
	Муҳандисию топогеодези (Харҷномаи №3)			6155
	Ҷамъ:			4366
	ААИ 14%			**105932**
	Ҳамагӣ :			14830
				120762

Фармоишгар:

Пудратчи:

Харчномаи №2

по инженерно-геологическим изысканиям к объекту:

«Сохтмони маркази чавонон дар ноҳияи Рашт»

Наименование проектной организации: *ЧДММ "Созанда 2012"*

Составлена по сборнику цен 2004г. Госкомитета строительства и архитектуры РТ

№ п/п	Обос. Стоим.	Наименование работ и затрат	един. Изм	к-во един.	Стоимость	
					един.	Всего
		Раздел I. Полевые работы				
1.	Т.27.§ 1 прим.2.	Проходка шурфов сеч.1,25м^2, глубиной св.2,5м в грунтах IV кат. 51,6х0,75	1м	2,0	38-70	77,4
2.	Т.27.§ 2 прим 2	Тоже,св.2,5 до 5,0 м в грунтах IV кат.83,1х0,75	м	2,0	62-32	124,64
3.	Т.59.§ 5	Обработка и грохочение крупнообломочных отложений	1т	0,6	160,2	96
4.	Т.59.§ 6	Определение угла естественного откоса	1опыт	4	19,1	76
5.	Т.59.§ 8	Определение объемного веса в естественном залегании	-//-//-	4	60,2	241
6.	Т.32.§ 1	Крепление шурфов до 2,5м	1м	2,0	80,4	160,8
7.	Т.32.§ 2	Тоже, св.2,5-5м	-//-//-	1,5	102,6	154
		Итого по разделу I:				**930**
		Раздел II. Лабораторные работы				
8.	Т.63§11	Сокращенный комплекс определений физико-механических свойств с двумя ветвями нагрузки	исп	3	147,5	443
8.	Т.71. § 1	Водная вытяжка	1опр.	3	48,80	146
9.	Т.75. § 3	Коррозийность к цветным металлам	-//-//-	3	20,50	62
10.	Т.75. § 4	Коррозийность к стали (УЭС)	-//-//-	3	18,20	55
11.	Т.73.§ 2	Стандартный химанализ воды	-//-//-	3	67,30	202
		Итого по разделу II:				**908**
		Раздел III. Камеральная обработка материалов составление отчета и прочие работы				
13.	Т.82. § 1	Камеральная обработка горнопроходческих работ категория сложности .I	1м	9,0	7-00	63
14.	Т.86. § 4	Тоже химсостава грунтов	%	12	146	18
15.	Т.86. § 5	Тоже химсостава воды	%	15	135	20
16.	Т.86. § 8	Тоже определения коррозийной активности грунтов и воды	%	15	77	12
17.	Т.87. § 1	Составление отчёта категория I 63+18+20+12	1опыт	18	113	20
18.	Т.4. § 1	Внутренний транспорт	--	--	--	--
19.	Т.5. § 1	Внешний транспорт	чел	3	300	900
20.	ОУ п.13	Организация и ликвидация работ 6х2	%	12	1600	192
21.	Т.3.§ 2 прил.3	Коэффициент к итогу сметной стоимости полевых работ	%	8	1125	90
		Итого по разделу: I, II, III.				**3153**
22.	166/ф от 21.06.21с.	Доведение цен с 1991 г. до уровня 2021 г.	коэф-т	1,952	3153	3002
		Всего:				**6155**

Фармоишгар:

Пудратчи:

ХАРЧНОМА №3

барои ичрои корхои мухандисию топографии дар иншооти : "Сохтмони маркази ҷавонон дар ноҳияи Рашт"

Номгӯи ташкилоти ичрокунанда: *ҶДММ "Созанда 2012"*

№ п/п	Тавсифномаи ташкилот, бино, иншоот ё намуди корхо	№№ кисмхо, бобхои чадвал,	ченак	Хачм	Нарх	Арзиш (сомони)
1	Тайёр намудани плани мухандисию топографи дар микёси 1:500 Сахрои:383х1,1х1,3 Камерали:128х1,75	Т9§3 Пр.2	Га	0,22	547,69	120,5
			Га	0,22	224	49,3
2	Наклиёти беруна	Т 5 § 2	%	19,6	147,9	29,0
3	Наклиёти дохили	Т 4 § 1	%	10	176,9	17,7
4	Ташкил ва бархамдихии кор 6х1,5	ОУП 13	%	9	7860,5	707,4
5	Омода намудани хисоботи техники	Т56 §5	хисобот	1	1120	1120
6	Коэф-т ба мачмуи нарххо	Т 3 § 2	%	8	2082,5	166,6
	Чамъ:					**2211**
7	Фармоиши кумитаи меъмори	21.06.2021с №116	%	1,975	2211	2155
	Хамаги:					**4366**

Фармоишгар:

Пудратчи: